# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 11 майи соли 2023 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхоновичро дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муминов Аҳмад Исматович), тақризи мусбати муассисаи пешбар - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров Ғ.Ғ. ва номзади илмҳои фалсафа, дотсент Давлатов Р.Л., инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илмҳои фалсафа, профессорон Самиев Б.Ҷ., Ҷононов С., Музаффарӣ М. ва Маҳмадизода Н.Д., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021с. таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мебошад;

2. Маводи чопнамудаи маллиф пурра мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа сарфароз гардонида шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Зид – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул мешавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Зиёев И.Ғ.**

**11.05.2023с.**